**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи “Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комиссия - академик Яқубов Ю., аъзои комиссия - д.и.т. Абдурашитов Ф.М. ва н.и.т. дотсенти кафедраи таърихи дунё қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шоинбеков Ф.Н., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 03.09.2025 ба диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи “Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таъин шудаанд.

1. **Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ ва бозёфтҳои гуногуни бостоншиносӣ барои омӯзиши таърихи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар давраҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна сарчашмаи муътамади илмӣ буда, таҳқиқ, феҳристнигорӣ ва таблиғи онҳо дар шароити кунунӣ тақозои замон мебошад. Зарурати мушаххас намудани мансубияти таърихӣ, таркиб, давраи муомилотӣ ва замони пинҳон гардидани ганҷинаҳо, инчунин, вазн, қутр, филиз, хондан ва тарҷумаву тафсири навиштаҷот, шарҳу тавзеҳи тасвирҳо ва тамғаҳо, аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки аҳаммияти мавзуи таҳқиқотро боз ҳам бештар мегардонанд.

2. **Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот муайян намудани таркиб, омӯзиш ва ворид намудани сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба доираи таҳқиқоти илмӣ ва амалияи осорхонавӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми таърихӣ мебошад. Ҳамчунин, ошкор сохтани имкониятҳои илмӣ-таърихии ин сиккаҳо, таҳияи феҳристи илмии онҳо ва пешниҳод ба ҷомеаи илмӣ ва осорхонавӣ бо ҳадафи баррасии масъалаҳои таърихӣ, аз ҷумла таърихи тиҷорат ва муомилоти пулӣ қарор дорад.

3. **Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки баъди таҳқиқи комил бори нахуст феҳристи мукаммали сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон таҳия шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст муайян гардид, ки омӯзиш ва таҳқиқи сиккаҳои аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон кашфшуда кай ва аз ҷониби кадом сиккашиносон шуруъ шудааст. Инчунин, ташаккули сиккашиносии Тоҷикистон, роҳҳои воридшавии сиккаҳо ба осорхона, муайян намудани муомилоти пулӣ дар замони қадим ва аввали асрҳои миёна дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ва ворид намудани маълумотҳои арзишманд ба доираи илми сиккашиносии Тоҷикистон аз адабиёти илмии хориҷӣ муайян гардидаанд.

4. **Аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии** таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷиксито на танҳо дар ҳудуди кишвар, балки дар миқёси тамоми Осиёи Марказӣ яке аз коллексияҳои муҳимми сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна буда, омӯзиши амиқи онҳо хеле зарур мебошад.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ба назар мерасад, ки дар зиёда аз 10 экспедитсияи бостоншиносӣ дар ёдгориҳои аҳди антиқа ва асрҳои миёна, аз қабили шаҳраки Чимқурғони ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Сайёди ноҳияи А.Ҷомӣ, бостоншаҳри Ҳалқаҷари ноҳияи Хуросон, қалъаи Ҳисори шаҳри Ҳисор, ёдгории Шаҳртеппаи ноҳияи Фархор, ёдгории Кӯҳна Чинори шаҳри Панҷакент, мавзеъи Сари Майни деҳаи Искодари Ноҳияи Айнӣ ва дигар ёдгориҳо иштирок намуда, дар кашфи чандин ганҷинаи сиккаҳои ин ёдгориҳо бевосита саҳмгузор мебошад. Муаллифи диссертатсия инчунин бо сиккашиносони Тоҷикистон Д. Довудӣ, А. Шарифзода ва сиккашиносони машҳури ҷаҳон Ҷо Крибб, С. Глинн, Ф. Пина, А. Аминӣ, А. Неймарк ва А. Горин ҳамкории зич дошта, дар навиштани диссертатсия таълифот ва таҷрибаи муҳаққиқони дар боло зикргардидаро васеъ истифода намудааст.

6. Диссертатсия тибқи талаботи банди 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз таҳқиқотҳои муҳим дар соҳаи таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва сиккашиносӣ ба шумор рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки вобаста ба он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ду монография дар ҳаммуаллифӣ, 15 мақолаи илмӣ, аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Асолати матни диссертатсия 86,52% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Каримдодзода М.З. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замонро дар мавзуи “Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267)

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи “Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)” - барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 07.00.09.-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

– Муродов Назримад Сафарович - номзади илмҳои таърих, декани факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсоли он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**академики АМИТ** **Яқубов Ю.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Абдурашитов Ф.М.**

**номзади илмҳои таърих** **Шоинбеков Ф. Н.**

« 2 » 10 с. 2025